**Омӯзиш ва таҳқиқот дар муассисаи озмоишӣ-литсейи давлатӣ аз рӯйи омӯзиши фанҳои табиатшиносию дақиқи ноҳияи Рӯдакӣ бо ходимони илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2022 № 1555 литсейи давлатӣ аз рӯйи равияи омӯзиши амиқи фанҳои табиатшиносию дақиқ дар муассисаҳои озмоишии н. Рӯдакӣ.

Вобаста ба нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии Раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар муассисаҳои озмоишӣ барои соли 2024, ходими калони илмии раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимӣ Ҳакимова Барно рӯзи **13 феврали соли ҷорӣ** дар муассисаи озмоишӣ-литсейи давлатӣ аз рӯйи омӯзиши фанҳои табиатшиносию дақиқи ноҳияи Рӯдакӣ аз рӯйи барномаи омӯзишии хеш бо фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ шинос гардид. Аз ҷумла, бо таҷрибаи пешқадами омӯзгори муассисаи номбурда, омӯзгори синфҳои ибтидоии муассиса Очилова Барноро мавриди омӯзиш қарор дод.

Дар рафти омӯзиш озмоишгар Ҳакимова Б. дар дарсҳои омӯзгор ширкат варзид ва аз рӯйи нақшаи таҳқиқот ба ташхиси китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ оғоз намуд. Дар масъалаи мазкур андешаҳои омӯзгорро шунид ва таклифу пешниҳоди муфиди омӯзгорро мавриди омӯзиш қарор дод ва фикру андешаҳои худро иброз намуданд. Омӯзгор Очилова Б. тайи чанд сол аст, ки роҳбарии иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаро ба дӯш дошта, таҷрибаи ибратбахш дар таълиму тарбия насли наврас ба даст овардааст.

Омӯзгорони муассиса Очилова Б. ва Асалбекова С. пешниҳод намуданд, ки адабиёти таълимии (хусусан китобҳои дарсӣ) барои литсей ва гимназияҳо аз маводи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд фарқ намоянд, махсусан маводи онҳо аз фанҳои дақиқ бояд каме мураккабтар бошад. Аз дигар фанҳо бошад, супоришҳои ташаккулдиҳанда, истифода аз матн ва калимаҳои нав, ки ба хонанда шавқовар истифода намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки мавзуъи бунёдии Раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои соли 2024: “Ҷанбаҳои илмию амалии ташхиси адабиёти таълимӣ ва нақши онҳо дар мутобиққунонии мазмуни маводи таълимӣ ба талаботи замони муосир ва меъёрҳои байналмиллалӣ” мебошад.

Ходими калони илмии раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимӣ Ҳакимова Барно

13 феврали соли 2024 ноҳияи Рӯдакӣ


ЧАДВАЛИ ЗАРБ














Дар адаби дарси муаллим нигоҳ,
То нашави таблаки таълимгоҳ.
Сездаҳуми феврал
Мавзуъ:
The 13th of